## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Имрӯз таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ насли наврас бараъло ҳис карда мешавад. Аз ин ҷост, ки ҷомеа аз косташавии ахлоқи наврасону ҷавонон изҳори нигаронӣ менамояд. Аз ҷумла, идеологияи Ғарб бо ҳар роҳу восита таъсири худро ба ахлоқу одоби насли наврас мерасонад. Ин вазъият дар назди оила, омӯзгорон ва умуман муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати дар рӯҳияи ахлоқи шоиста ва шуурнокии миллӣ тарбия намудани мактаббачагон вазифаҳои навро мегузорад. Вобаста ба ин, аҳамияти педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар тарбияи камолоти маънавии насли наврас мақоми сазоворро касб менамояд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид бе шубҳа мубрам бамҳисоб рафта, дар он масоили мушкилот ва роҳу воситаҳои самараноки дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар шароити кунунӣ ҳаллу фасл гардидааст.

Унвонҷӯ чунин масъалагузорӣ намудааст, ки барои дар мактаббачагони хурдсол бомуваффақият ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳкурсии ин фаъолият ҳануз дар синну соли томактабӣ гузошта шавад. Тамоми тарзи ҳаёти мактаббачагони хурдсол, муошарати ҳаррӯзаи онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон, фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо ба тағйиротҳои куллии мақсаднок оварда мерасонад, ки дар ин миён ташаккул додани ҷуръатнокии

ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар чараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ мавқеи муҳимро касб менамояд.

Лозим ба таъкид аст, ки дастгоҳи илмии диссертатсия босаводона ва илман асоснок омода карда шудааст, мазмуну муҳтавои диссертатсия маҳз дар асоси он руйи кор оварда шудааст.

Унвонҷӯ зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ- ба он бештар таваҷҷуҳ намудааст, ки мазмуни раванди ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба оқилона ташкил намудани ҷараёни дарс ва корҳои берунасинфии максаднок ба маҷмӯи технологияҳои пешқадами тарбиявӣ нигаронида шудааст, ки тасавввуроти мактаббачагони хурдсолро дар бораи қоидаҳои одобу ахлоқ пурра мегардонад. Аз ҷониби дигар, васеъсозии таҷрибаи ахлокии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни дарс ва корҳои гуногуни коллективонаи берун аз дарсӣ имкон медиҳад, ки таъсироти мушкилоти мавҷудбудаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони ин синну сол ба ҳадди ақал расонида шавад.

Дар таҳқиқот дурнамои ғанигардонии таҷрибаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол тавассути корҳои тарбиявии берунасинфӣ ба истифодаи маҷмӯи принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашудаи низомнокӣ ва кӯшиши худи мактакббачагони хурдсол ба аз худ намудани қодаҳои ахлқӣ мушаххас карда шудаст. Ҳамзамон, корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидашуда ба унвонҷу имкон фароҳам овардаст, ки монеаҳо барои татбиқии малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол, сатҳи пасти тасаввуроҳои волидону омӯзгорон дар шароити дигаргуншавии соҳаи маънавию ахлоқии ҷомеаи тоҷик; зарурати таҳия ва ҷорикунии шаклҳои дастгирии раванди ғанигардонии таҷрибаи ахлоқии мактаббачагони хурдсол муайян карда шавад.

Унвонҷу зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ якчанд хусусиятҳои хоси психологӣ ва синнусолии мактаббачагони хурдсолро

муайян намудааст, ки дар ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони ин синну ба ҳисоб гирифтани онҳо аз аҳамият холӣ нест.

Вобаста ба ин, таъкид карда мешавад, ки барои он ки дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол сифатҳои некӯкорӣ, некдилӣ, меҳрубонӣ, ба дигарон мунису ғамхор будан ҷой гирад, пеш аз ҳама зарур аст, ки дар онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ташаккул дода шавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ Саидзода Ниёзмуҳаммад ба он далолат мекунад, ки истифодаи корҳои гуногуни тарбиявӣ дар ҷараёни дарс ва корҳои гуногуни тарбиявии беруназсинфӣ, аз ҷумла иҷрои корҳои коллективона ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ воқеан масъалаи мубрам буда, паҳлуҳои дигари он мавриди таҳқиқ қарор дода шудавад.

Дар охир тавсия менамоем, ки унвонҷу вобаста ба хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии мактаббачагони хурдсол зимни ташкили корҳои коллективона бештар ба малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таваҷҷуҳ менамуд.

Таҳқиқоти мазкур кори мустақилона анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои
педагогӣ, профессори кафедраи
забони русӣ барои факултетҳои
ғайрифилологии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон — Мухаметов Гапур Бабаевич

*Имзои М.Г. Мухаметовро тасдиқ мекунам.*

*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ* — *Тавқиев Э.Ш.*

27.06.2025

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: 904424116 E-mail: atakullaev@bk.ru